**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи САДРИДДИН АЙНӢ**

# БАРНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

**Душанбе – 2017**

Шӯрои илмӣ-методии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.01. 2017 бо қарори № 5 ба чоп тавсия намудааст.

Барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2017. – 25 с.

Мураттибон: Алиев С., Нӯъмонов М., Умаров У., Сайфуллоев Х.,
Холиқов У., Самиев Б.

# САРСУХАН

Дар раванди ҷаҳонишавии арзишҳои фарҳангӣ-башарӣ оид ба самаранок ба роҳ мондани омодагии кадрҳои омӯзгорӣ ба фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ як қатор қонуну қарорҳо, низомномаю консепсияҳо ва дигар асноди меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд. Бахусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар таҳрири нав (2013) ҳуқуқу уҳдадориҳои омӯзгорро муфассал баррасӣ намуда, ба мақоми ӯ дар ҷомеа боби алоҳида бахшидааст. Дар қонуни мазкур бори дигар нишон дода мешавад, ки омӯзгор дар ҷомеаи мо мақоми хоса дошта, сатҳу сифати дониш ва ахлоқу рафтори хонандагон ба маҳорат ва салоҳияти касбии ӯ вобастагии қавӣ дорад.

Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи мактабҳои олӣ ба таҳким бахшидани робита бо истеҳсолот, баланд бардоштани сифату самаранокии таълим ва таҷрибаомӯзии педагогӣ, беҳтар намудани тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, зеҳнӣ-маънавӣ ва салоҳияти касбии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ равона карда шудааст.

Тайёр кардани омӯзгорони соҳибкасбу соҳибмаълумот ҳадафи асосии мактабҳои олии педагогӣ ба шумор меравад. Донишҷӯёни имрӯза, ки дар оянда аз ин ё он ихтисос омӯзгор мешаванд, на танҳо фаъолияти касбии худро бояд комилан хуб донанд, балки дар баробари он ба асосҳои маҳорати педагогӣ мусаллаҳ гашта, методика ва технологияи таълими фанни тахассусиро дар мактаб ҳамаҷониба омӯзанд, то ки дар раванди таълиму тарбияи хонандагон онро амалӣ гардонида тавонанд.

Дар самти тайёрии ҳамаҷонибаи омӯзгорони оянда дар мактабҳои олии омӯзгории ҷумҳурӣ таҷрибаи омӯзгорӣ мавқеи хоса дорад. Таҷрибаи омӯзгорӣ (ё таҷрибаомӯзии педагогӣ) барои омодагии касбии омӯзгорони оянда нақши муҳим мебозад. Он барои бою ғанӣ гардонидани дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён-омӯзгорони оянда бо маълумотҳои мушаххаси таҷрибаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, васеъ шудани тасаввуроти донишҷӯён доир ба ҳодисаҳои педагогӣ шароит муҳайё намуда, баҳри амиқ ва эҷодкорона амалӣ гардонидани донишҳои тахассусӣ, педагогӣ-психологӣ ва методӣ имконият фароҳам меоварад. Дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ инчунин маҳорату малака ва салоҳиятҳои касбие, ки

донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ дар мактаби олӣ соҳиб гаштаанд, амалӣ мегарданд.

Барномаи мазкур таҷрибаи омӯзгории бефосилаи донишҷӯёни курсҳои III (IV) ва IV (V) зинаи бакалавриати ихтисосҳои мухталифи омӯзгориро тибқи нақшаи таълимии низоми кредитии таҳсилот баррасӣ менамояд. Барнома, ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо ба роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, методистони кафедраи методикаи таълими фанҳои алоҳида, инчунин ба ёрии донишҷӯёни таҷрибаомӯз тавсия мешавад.

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ УМУМИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ОМӮЗГОРӢ

Дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ таҷрибаи омӯзгорӣ дар факултетҳои мухталифи ихтисоси омӯзгорӣ муҳимтарин воситаи тайёрии касбии донишҷӯён ба шумор меравад. Ҳадаф аз таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун шакли муҳими ташкили таълим аз он иборат аст, ки донишҷӯён дар раванди таълиму тарбия дар мактаб донишҳои илмӣ-назарӣ ва амалии аз ихтисос, фанҳои методикаи таълим, педагогика ва психология ҳосилкардаашонро дар амал эҷодкорона истифода баранд ва такмилу инкишоф диҳанд.

Донишҷӯён бо иштироки фаъолонаи худ дар корҳои таълимию тарбиявӣ бо хонандагони мактаб бори нахуст аз сирру асрори касби омӯзгорӣ огоҳ мешаванд, таҷрибаи омӯзгорони пешқадамро меомӯзанд, амалӣ намудани усулу методҳои фаъол ва технологияи муосири таълимро ёд мегиранд ва дар иҷрои чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар муассисаҳои таълимӣ саҳми худро мегузоранд.

**Ҳадафи асосии таҷрибаи омӯзгорӣ** ҳосил намудан, рушд ва ташаккули маҳорат, малака ва салоҳияти касбии омӯзгор дар донишҷӯёни донишгоҳҳои олии педагогӣ маҳсуб меёбад. Ноил гаштан ба чунин мақсад аз донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҳаллу фасли вазифаҳои зайлро талаб менамояд:

1. Таҳким бахшидани донишҳои назариявии донишҷӯён, ки дар мактаби олӣ ҳосил кардаанд ва истифода бурда тавонистани онҳо дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси педагогӣ ҷиҳати таълиму тарбияи хонандагон.
2. Ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои беҳтарини касбии шахсият, малакаву маҳоратҳои педагогӣ ва салоҳияти касбӣ дар зеҳни омӯзгорони

оянда.

3. Тарбия намудани шавқу рағбат, меҳру муҳаббати доимӣ ва эҳтиром ба касби омӯзгорӣ, эҳтиёҷ ба худомӯзӣ ва муносибати эҷодию таҳқиқӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ дар тафаккури донишҷӯён.

4. Ҷалб намудани донишҷӯён ба фаъолияти амалии педагогӣ, ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои касбие, ки барои самаранок ба роҳ мондани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва азхуд намудани методикаи таълим ва тарбия заруранд.

5. Азхуд намудани малакаҳои арзёбию баҳодиҳӣ ба фаъолияти педагогии худ (рефлексия), таҳлили танқидии натиҷаҳои кори худ ва мустақилона бартараф кардани нуқсонҳои ҷойдошта.

6. Азхуд кардани мундариҷаи фанни таълимӣ, маҳорату малакаҳои ташкили раванди таълим, шаклҳои мухталифи кори таълимӣ, корҳои беруназдсинфӣ, беруназдмактабӣ ва тарбиявӣ аз фанни тахассусӣ.

7. Таваҷҷӯҳ ба рушду ташаккули маҳорати ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон ҳангоми истифодаи воситаҳои техникии таълим, Интернет ва почтаҳои электронӣ, воситаю маводҳои таълимӣ ва малакаҳои кор бо китоб.

8. Банақшагирии кори роҳбари синф, иҷро намудани вазифаҳои ӯ, кор ба аҳли синф, расонидани ёрии методӣ ба ташкилотҳои талабагӣ, гузаронидани корҳои инфиродӣ бо хонандагон ва падару модари онҳо.

9. Омӯхтани кори синфхонаи фаннӣ (кабинет), таҷҳизоти он ва истифодаи онҳо бо мақсади гузаронидани дарс, машғулиятҳои беруназдсинфӣ ва дигар корҳои таълимию тарбиявӣ марбут ба фанни тахассусӣ.

10. Омӯхтани таҷрибаи беҳтарин ва пешқадами муаллимони фаннии мактабҳо ва роҳбарони синфҳо.

11. Бо масъулияти баланд муносибат кардан ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун зинаи муҳими омодагии касбӣ-омӯзгорӣ.

**МАЛАКАЮ МАҲОРАТҲОЕ, КИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҶАРАЁНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ СОҲИБ МЕГАРДАНД**

Дар заминаи донишҳои назариявӣ ва муносибати мусбат ба касби омӯзгорӣ донишҷӯён дар ҷараёни таҷрибаоӯзии педагогӣ ба **малака ва маҳоратҳои зерин** соҳиб мегарданд:

1. Маҳорати ташкил ва идора карда тавонистани фаъолияти омӯзгори (педагогӣ)-ро дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ёд мегиранд.
2. Нақшаҳои ҷорӣ ва дурнамои фаъолияти педагогиро мураттаб месозанд.
3. Маҳорати дар заминаи нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ ва тавсияҳои методӣ таҳия сохтани нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ ва ба нақша гирифтани машғулиятҳои таълимӣ ва мураттаб сохтани конспекти дарсҳоро ҳосил мекунанд.
4. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои шаклан мухталиф ва аз нигоҳи методӣ самарабахшро бо назардошти дараҷаи дониши хонандагон, хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, синнусолӣ, иҷтимоӣ ва ҷинсии онҳо мемӯзанд.
5. Мантиқан пайдарҳам, фаҳмою дастрас ва равшану ҷолиб баён намудани мазмуни маводи навро бо назардошти ҳамгироии робитаи байнифаннӣ ва дохилифаннӣ ёд мегиранд.
6. Маҳорати интихоб ва истифода кардани тарзу воситаҳо ва усулу методҳои фаъол ва самарбахши таълимро баҳри тарҳандозии технологияи таълими фанни тахассусӣ сайқал медиҳанд.
7. Малакаҳои кор бо дастгоҳу асбобҳои амалӣ-лабораторӣ, воситаҳои аудиовизуалию техникии таълим ва технологияи компютериро дар раванди таълим соҳиб мешаванд.
8. Маҳорати таҳлили адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методии муосирро бо мақсади коркарди онҳо баҳри истифода дар ҷараёни машғулиятҳо ҳосил менамоянд.
9. Фаъолияти таълимии хонандагон, назорат ва идораи он, баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи шогирдонро ташкил мекунанд.
10. Хонандагонро ба омӯзиши фанни худ ҳавасманд гардонида, шавқу ҳаваси маърифатӣ ва салоҳияти тахассусии онҳоро рушду инкишоф

медиҳанд.

11. Назорат кардан, санҷидан ва баҳо дода тавонистанро ба ҷараёни аз тарафи хонандагон азхудкунии дониш, ҳосилкунии маҳорату малакаҳо ёд мегиранд.

12. Методҳои ташкили кори мустақилонаи хонандагонро амалӣ гардонида, ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва тафаккури мантиқии шогирдон мусоидат мекунанд.

13. Усулу роҳҳои таҳияи санҷиши тестӣ ва истифодаи онҳоро дар раванди таълими фанҳои алоҳида меомӯзанд.

14. Шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабиро аз ихтисоси худ бо хонандагон ташкил карда мегузаронанд.

15. Шахсияти мактаббача ва коллективи мактабиёнро бо мақсади ташхис ва тарҳбандии инкишоф ва тарбияи онҳо меомӯзанд.

16. Вазифаҳои мушаххаси таълимӣ-тарбиявиро вобаста ба мақсадҳои умумии тарбияи шахсият дар ҷомеа ва бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ- психологӣ, синнусолӣ ва фардии хонандагон муайян менамоянд.

17. Шаклу усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталифи идоракунии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро истифода мебаранд.

18. Корҳои тарбиявӣ бо хонандагон, ташкили раванди худтарбияи онҳо ва ҳамкориро бо падару модарон ба роҳ мемонанд.

19. Таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва ташкили корҳои таҳқиқӣ-таҷрибавиро дар мактаб меомӯзанд.

20. Маҳорати касбии омӯзгорӣ, саъю кӯшишҳо барои рушди он ва худтакмилдиҳиро амалӣ мегардонанд.

## МАҚОМИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ДАР ИНКИШОФИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

Таҷрибаи омӯзгорӣ воситаи муҳимтарини зуҳурот, инкишоф ва ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда ба шумор меравад.

Ба туфайли ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи Болоня (2004) дар донишгоҳҳо, аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Стандартҳои нави таҳсилоти олии

касбӣ дар асоси *муносибати салоҳиятнокӣ* таҳия шудаанд. Ин мафҳум чун *қобилияти иҷрои ягон фаъолият дар асоси дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаҳои кории дар рафти омӯзиши фан ҳосилшуда муайян карда мешавад.* Масалан, тибқи Стандарти нави таҳсилоти Донишгоҳ хатмкунандагони дараҷаи «Бакалавр» дар фаъолияти омӯзгорӣ бояд салоҳиятҳои касбии (СК) **зе**ринро доро бошанд**:**

- донистани асосҳои маҳорати педагогӣ ва салоҳияти хонандагон аз фанҳои алоҳидаи мактаб;
- имконоти таълими фанни ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар асоси таҳсилоти бунёдии ҳосилнамуда;
- қобилияти ба нақша гирифтан ва тайёр намудани маводи таълимӣ-методӣ доир ба машғулиятҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ тибқи барномаҳои таълимӣ;
- гузаронидани машғулияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ ва миёнаи касбӣ тавассути усулу методҳои фаъол ва самарабахш;
- маҳорати ба шогирдон дақиқ пешниҳод кардани донишҳои тахассусӣ дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ;
- маҳорати истифодаи методҳои фаъол, тарзу усулҳои самарабахш ва воситаҳои муосири таълим дар мактаб;
- истифодаи методҳо, тарзу усулҳои асосноки илмии муосир, васоити технологияи нави иттилоотӣ дар таълим;
- истифодаи дастовардҳои муосири технологӣ, иттилоотӣ, компютер ва дигар васоити техникию электронии таълим дар раванди машғулиятҳои мактабӣ;
- маҳорати ба роҳ мондани робитаи пайваст бо волидон ва созмонҳои давлатӣ, расонидани кӯмак дар тарбияи оилавӣ ва ҷомеа;
- дар шакли оммавӣ паҳн намудани донишҳои тахассусӣ ва чораву тадбирҳои тарбиявӣ бо хонандагон ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, Стандарти давлатии таҳсилот назди омӯзгорони оянда як маҷмӯи муайяни талаботҳоеро мегузорад, ки дар амалӣ гардонидани онҳотаҷрибаи омӯзгорӣ дар мактаб саҳмгузор аст. Аз ин рӯ, омӯзгорони фаннӣ, методикаи таълим, педагогу психологҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ вазифадор

карда мешаванд, ки чи дар рафти машғулиятҳо дар донишгоҳ ва чӣ дар рафти таҷрибаомӯзӣ дар мактаб, тайёр кардани мутахассиси ояндаро бо дарназардошти рушди салоҳияти касбӣ ва паҳлӯҳои он ба роҳ монанд.

## МӮҲЛАТҲО ВА ВАЗИФАҲОИ УМУМИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

Тибқи нақшаи таълимии низоми кредитии таҳсилот, таҷрибаомӯзии педагогӣ барои донишҷӯёни ихтсосҳои мухталиф новобаста аз мӯҳлати таҳсил дар ду давр ба тариқи бефосила, ҳар кадом ба мӯҳлати 16 ҳафта гузаронида мешавад: дар шароити таҳсили чорсола дар семестрҳои 6-ум ва 7-ум ва дар шароити таҳсили панҷсола (ихтисосҳои ҳамгиро) дар семестрҳои 8-ум ва 9-ум.

Вазифаи таҷрибаомӯзии педагогии зинаи аввал аз пайдо намудан ва ташаккул додани маҳорати аз рӯйи нақша ва конспектҳои тайёр кардаи худи донишҷӯёни таҷрибаомӯз, ки онҳоро роҳбари таҷрибаомӯзӣ-методист ва ё омӯзгори мактаб санҷидааст, самаранок гузаронидани дарсҳои алоҳида, инчунин иҷрои супоришҳое, ки омӯзгорони мактаб барои корҳои беруназсинфӣ ва роҳбарони синфҳо барои корҳои тарбиявӣ медиҳанд, иборат аст.

Вазифаи таҷрибаомӯзии педагогии дуюм омӯзиши дар назди худ гузоштани масъалаҳои муҳими таълимию тарбиявии хонандагон, мақсаднок ҳал намудани масъалаҳои пешбинишуда бо баҳисобгирии натиҷаҳои бадастомада ва агар зарур бошад бозрасӣ ва бартараф кардани нуқсонҳо, ислоҳи хатоҳои содиршуда, устувор гардонию ташаккулдиҳии комёбиҳои мушарафгардида мебошад.

Вобаста ба ҳамин дар ҷараёни таҷрибаомӯзии дуюм ба он ноил шудан лозим аст, ки ҳар як донишҷӯи таҷрибаомӯз аз ӯҳдаи оид ба ягон мавзӯъ мустақилона гузаронидани дарс, ташкилу гузаронидани корҳои беруназсинфӣ, инчунин ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ (ҳамчун роҳбари синф) ва озмоишҳое, ки тавсифи тадқиқотӣ доранд, бароянд.

## ВАЗИФАҲО ВА МАЗМУНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ДАР СОЛИ СЕЮМИ (ЧОРУМИ) ТАҲСИЛ

Донишҷӯёни муддати таҳсилашон чорсола дар курси сеюм ва ихтисоси ҳамгиро дар курси чорум бори нахуст ба таҷрибаи омӯзгорӣ сафарбар карда мешаванд.

Таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён дар ин давра тибқи Низомномаи Донишгоҳ дар зинаҳои ибтидоӣ ва мобайнии таълим, яъне дар синфҳои ибтидоӣ ва V-УП мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

Мазмуни таҷрибаомӯзиро махсусияти фаъолияти муаллим, талаботи Стандарти давлатии таълими таҳсилоти олӣ ва барномаи таълимии мазкури тайёр кардани муаллим муайян мекунад. Таҷрибаи омӯзгорӣ тавсифи комплексӣ (маҷмаӣ) дошта, вай шартан чор зинаи муҳим ё марҳалаи ба ҳам пайвастро дар бар мегирад:

**1. Марҳалаи ташкилӣ.**

**2. Марҳалаи омодагӣ.**

**3. Марҳалаи фаъол.**

**4. Марҳалаи хотимавӣ.**

Мавриди зикр аст, ки мазмуну талаботҳои марҳалаҳои таҷрибаомӯзӣ барои ҳамаи курсҳои таълимӣ фарқияти куллие надошта бошанд ҳам, бо вуҷуди он баъзе махсусиятҳои худро доранд. Дар ҳар ду даври раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён ин марҳалаҳоро ҳатман мегузаранд.

**1. Марҳалаи ташкилӣ**

Таҷрибаомӯзии педагогӣ аз ҷониби кафедраҳои методикаи таълими ихтисосҳои алоҳида дар мувофиқа бо шӯъбаи таълимии донишгоҳ, бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ ва садорати факултетҳо ташкил карда мешавад. Барои ин мақсад, дар факултаҳо конференсияи ифтитоҳӣ гузаронида мешавад, ки дар он донишҷӯён бо мақсаду вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ ва мазмуну моҳияти он шинос карда мешаванд.

Бо баробари хотима ёфтани конференсия, бо ташаббуси кафедраҳои методика ва намояндагони кафедраҳои педагогика ва психология бо донишҷӯён дар синфхонаҳои алоҳида семинар-машваратҳо ва мусоҳибаю

коллоквиумҳо ташкил карда мешаванд, ки дар рафти онҳо шогирдон оид ба тарзи иҷрои вазифаю супоришҳои давраи таҷрибаомӯзӣ маълумоти муфассалу мушаххас ҳосил мекунанд.

**2. Марҳалаи омодагӣ**

Марҳалаи омодагӣ ё ғайрифаъоли таҷрибаомӯзӣ чор ҳафтаи аввали таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёнро дар мактаб дар бар мегирад.

Вазифаҳои марҳалаи омодагии таҷрибаомӯзӣ аз чунин қисматҳо иборат аст:

1) Шиносоӣ бо самтҳои асосии кори мактаб, бо роҳбарияти мактаб (директори мактаб, мудири қисми таълимӣ ва ташкилотчии корҳои тарбиявию беруназсинфӣ), бо аҳли муаллимон фаннӣ.

2) Шиносоӣ бо синфе, ки таҷрибаомӯз ба он вобаста карда мешавад, ҳосил кардани маълумот дар бораи ҳайати талабагони синф. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои шахсӣ, омӯхтани давомот, рафтору интизом, шароити таҳсил, муносибати байниҳамдигарии хонандагон, муносибати онҳо ба хондан (аз рӯйи барнома ва маслиҳатҳои методисти кафедраи психология).

3) Таҳияи нақшаи инфиродӣ, ки фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва ҷамъиятии донишҷӯёнро дар тамоми давраи таҷрибаомӯзӣ дар мактаб дар бар мегирад.

4) Бо мақсади ҳосил кардани нахустин таҷриба ва муайян кардани талаботи ягона бо хонандагон иштироки донишҷӯён дар дарсҳои муаллимони фаннӣ, инчунин мушоҳидаи ҳамаи дарсҳои муаллимоне, ки дар синфи ба донишҷӯ вобаста шуда аз фанҳои гуногуни таълимӣ сабақ медиҳанд ва таҳлилу муҳокимаи онҳо.

5) Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ-методие, ки дар мактаб истифода мешаванд.

6) Шиносоӣ бо синфхона ё кабинети фаннӣ, воситаҳои аёнӣ, таълимӣ, методӣ ва техникии он, ҳосил кардани малакаҳои нахустини кор дар кабинет бо талабагон, мушоҳидаи тарзи гузаштани дарс дар кабинет аз ҷониби омӯзгорони мактаб.

7) Шиносоӣ бо роҳбари синфе, ки донишҷӯ ба он ҳамчун ёрдамчӣ вобаста карда мешавад, иштирок дар чорабиниҳои тарбиявии синф, омӯхтани нақшаю корҳои тарбиявӣ барои соли таҳсил, тартиб додани нақшаи кори тарбиявӣ.

8) Муайян намудани вақти доимии соатҳои методӣ ва мусоҳибаи методисти гурӯҳ, омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ, педагогика ва психология.

9) Ҷамъбасти натиҷаҳои марҳалаи омодагии таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби методисти (методистони) фан.

**3. Марҳалаи фаъоли таҷрибаомӯзӣ**

Ин марҳала аз ҳафтаи панҷум оғоз ёфта, 8 ҳафтаро дар бар мегирад. Дар давоми ин марҳалаи таҷрибаомӯзӣ ҳаддалимкон ба шароити фаъолияти касбииояндаи донишҷӯ – омӯзгори фаннӣ мутобиқ ташкил ва гузаронида мешавад.

Мақсади он тайёр кардани донишҷӯён ба иҷрои вазифаи омӯзгори фан ва роҳбари синф дар оянда мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти роҳбарони таҷрибаомӯзӣ–методистони кафедраҳои методика, кафедраҳои педагогикаю психология ва муаллимони мактаб ба он равона карда мешавад, ки ба донишҷӯён асосҳои дониш ва маҳорату малакаҳои ба касби омӯзгор хос омӯзонида шавад. Ин имкон медиҳад, ки салоҳияти касбӣ ва тахассусии донишҷӯ инкишоф дода шавад. Вобаста ба ин ҳадафҳо вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ дар марҳалаи фаъол иборат аст, аз:

1) Мунтазам омӯхтани барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методӣ ва методикаи таълими он бо мақсади амалигардонии онҳо дар раванди таълим дар мактаб.

2) Шинос намудани таҷрибаомӯзон бо нақшаи пурра ва интихобии таҳлили дарсҳо ва усулҳои сабти он.

3) Иштирок дар дарсҳои омӯзгорони мактаб, таҷрибаомӯзон ва таҳлилу муҳокимаи коллективонаи онҳо (ҳафтае 2 дарс, дар маҷмӯъ на кам аз 12-14 дарс).

4) Аз тарафи донишҷӯ таҳия кардани нақшаҳоитақвимӣ барои як нимсола барои синф (ё синфҳое), ки ӯ дар он (онҳо) машғулиятҳо мегузаронад.

5) Дар заминаи нақшаи тақвимӣ омӯхтан ва мураттаб сохтани конспекти дарсҳо дар шакли муфассал ва мухтасар ва ба омӯзгори мактаб ва методисти гурӯҳ пешниҳод намудани он.

6) Ташкил ва гузаронидани дарсҳо бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, воситаҳои аёнӣ, техникӣ ва технологияи муосир.

7) Гузаронидани дарсҳои санҷишӣ ё дарсҳои кушод (ҳафтае на кам аз як дарс, дар маҷмӯъ 4-8 дарс) ва аз ҷониби методист ташкил намудани таҳлил ва маҳокимаи онҳо дар гурӯҳ.

8) Интихоб ва мустақилона тайёр кардани маводҳои дидактикӣ ва воситаҳои аёнӣ барои самаранок гузаронидани дарсҳо.

9) Ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва дигар чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ.

10) Мушоҳидаи як хонандаи синф бо мақсади таҳияи тавсифномаи психологӣ-педагогии талабагони алоҳида ва сабти маълумотҳо дар дафтари мушоҳидаҳои рӯзномагӣ тибқи нақша.

11) Дар асоси нақшаи кории роҳбари синф мустақилона гузаронидани чорабинию соатҳои тарбиявӣ дар синф ва ширкат варзидан дар ҷамъомадҳои падару модарон, чорабиниҳои тарбиявию ҷамъиятии умумимактабӣ. Гузаронидани корҳои тарбиявӣ.

12) Кори инфиродӣ бо хонандагон, кор бо ташкилотҳои талабагӣ, фаъолони синф.

13) Қайди ҳамарӯзаи чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар рӯзномаи инфиродӣ.

14) Ҷамъбасти натиҷаҳои марҳалаи фаъоли таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби методисти фан (баъди ҳар ду ҳафта).

**4. Марҳалаи хотимавӣ**

Чор ҳафтаи охирини таҷрибаомӯзии педагогӣ марҳалаи хотимавӣ ё ҷамъбастӣ ҳисоб меёбад. Дар ин давра ҳадафи асосӣ бештар ба гузаронидани дарсҳои санҷишӣ (дарси кушод) дода мешавад, ки ин дарсҳои *муайянкунандаи баҳои ниҳоии донишҷӯ* дар тамоми давраи таҷрибаомӯзӣ махсуб меёбад. Дарсҳои кушод бо иштироки таҷрибаомӯзон, методисти гурӯҳ, муаллими синф, намояндагони кафедраҳои педагогика ва психологияи донишгоҳ гузаронида мешавад, ки онро якҷоя таҳлилу муҳокима мекунанд ва баҳо мегузоранд. Дар баробари ин, таҷрибаомӯз конспекти муфассали дарсро бо тамоми маводи методии истифода кардааш ба методист пешниҳод мекунад, ки он низ арзёбӣ карда мешавад.

Дигар, марҳилаи хотимавӣ *давраи пуршиддати* кору фаъолияти донишҷӯён махсуб буда, хеле заҳматталаб аст. Чунки акнун, донишҷӯ, илова ба супоришҳои ҳамарӯза, вазифадор аст аз паи ҳуҷҷатнигорӣ шавад, ҳуҷҷатҳоро

таҳияву тозанавис карда, барои саривақт супоридан омодагӣ гирад.

Ҳамин тариқ, дар марҳалаи хотимавӣ вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ иборат аст, аз:

1) Тахти роҳнамоии методисти фан ташкил намудан ва гузаронидани як ё ду дарси кушод аз ҷониби таҷрибаомӯзон.

2) Ҷамъбаст намудани натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ва навиштани ҳисобот.

3) Пурра мураттаб сохтани ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзӣ барои супоридан ба методистон.

4) Омодагӣ ба конференсияи ҷамбастӣ дар факулта ва донишгоҳ;

5) Ҷамъбасти натиҷаҳои кори гурӯҳ дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ бо иштироки омӯзгорони мактаб, методистон, намояндагони кафедрахои педагогика ва психология.

Донишҷӯёни бо хотима ёфтани нахустин таҷрибаомӯзии педагогӣ дар давоми се рӯз ба кафедраҳои методикаи таълим, педагогика ва психология чунин ҳуҷҷатҳоро месупоранд:

- рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ;

- хислатнома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ;

- нақшаи тақвимии таълимӣ;

- нақша-конспекти машғулияти дарсӣ бо маводи дидактикӣ аз рӯйи ихтисос;

- тавсифномаи психологии шахсияти хонанда;

- нақша-конспекти машғулияти беруназсинфӣ аз фанни таълимӣ;

- шарҳи хаттии супориши эҷодӣ аз фанни педагогика;

- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ.

Натиҷаҳои ҷамъбасти таҷрибаомӯзии педагогӣ бо холгузорӣ арзёбӣ карда мешавад.

## МАЗМУНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ДАР СОЛИ ЧОРУМИ (ПАНҶУМИ) ТАҲСИЛ

Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни курсҳои чаҳорум таҳсилашон чорсола ва

ҳамгиро, ки хатмкунанда мебошанд, мувофиқи Низомнома дар синфҳои УШ-XI, яъне синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо ва дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе (истисно ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ) гузаронида мешавад.

Донишҷӯёни хатмкунанда илова бар он вазифаҳое, ки нисбат ба курси аввалӣ зикр ёфт, дар тамоми корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ҷамъиятии мактаб фаъолона ширкат меварзанд, вазифаи ёвари роҳбари синфро низ иҷро мекунанд. Онҳо аз рӯи ихтисос корҳои беруназсинфӣ (маҳфилҳо, хонишҳо) ва беруназмактабӣ (конференсияҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо) мегузаронанд, машғулиятҳои факултативӣ ва иловагӣ ташкил мекунанд ва барои ҷиҳозонидани синфхонаи фаннӣ саҳм мегузоранд.

Хатмкунандагон дар корҳои методӣ ва илмӣ фаъолона ширкат меварзанд, вобаста ба мавзӯъҳои корҳои курсӣ ва рисолаи тахассусии хатм аз фанҳои методикаи таълим, педагогика ва психология маводи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ-озмоишӣ ҷамъ мекунанд, дар Шӯроҳои педагогӣ, семинарҳои методӣ ва проблемавии мактаб фаъолона ширкат меварзанд. Ҳуҷҷатҳои донишҷӯёни хатмкунанда, ки бори дуюм таҷриба меомӯзанд аз нигоҳи миқдор фарқ накунанд ҳам, бешак аз нигоҳи мазмуну сифат бояд куллан фарқ дошта бошанд.

Як фарқи дигари ҳуҷҷатҳо аз он иборат аст, ки донишҷӯён дар курси аввалӣ аз фанни психология тавсифномаи психологии як нафар хонандаи синфро анҷом диҳанд, дар соли хатмтавсифномаи психологии аҳли хонандагони синфро мураттаб месозанд.

Донишҷӯён бо хотима ёфтани таҷрибаомӯзии педагогӣ дар давоми се рӯз ба кафедраҳои методикаи таълим, педагогика ва психология чунин ҳуҷҷатҳоро месупоранд:

- рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- хислатнома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ;
- нақшаи тақвимии таълимӣ;
- нақша-конспекти машғулияти дарсӣ бо маводи дидактикӣ аз рӯйи ихтисос;
- тавсифномаи психологии аҳли синф;

- нақша-конспекти машғулияти беруназсинфӣ аз фанни таълимӣ;

- шарҳи хаттии супориши эҷодӣ аз фанни педагогика;

- ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ.

Натиҷаҳои ҷамъбасти таҷрибаомӯзии педагогӣ бо холгузорӣ арзёбӣ карда мешавад.

## ВАЗИФАҲОИ МАСЪУЛИНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

### Методисти кафедраи методикаи таълим:

- Роҳбарии 12-15 нафар донишҷӯёни таҷрибаомӯзро дар мактаб бевосита ба ӯҳда мегирад.
- Дар конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии таҷрибаи омӯзгории назди факулта ва донишгоҳ ва ҷаласаҳое, ки дар мактаб оид ба таҷрибаомӯзӣ баргузор мегарданд ширкат меварзад.
- Якҷоя бо роҳбарият ва муаллимони фаннии муассисаи таълимӣ донишҷӯёнро ба синфҳо тақсим мекунад.
- Дар таҳияи нақшаи тақвимӣ, нақшаи инфиродӣ, нақшаи корҳои беруназсинфӣ, конспекти дарсҳо ва таҳлили онҳо ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрии методӣ мерасонад.
- Ба муаллимони мактаб дар кор бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрии илмӣ-методӣ мерасонад.
- Аз ҷониби донишҷӯён гузаронидани дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфиро таъмин карда, барои омодагии донишҷӯён ба дарсҳо мусоҳиба мегузаронад; нақшаю конспекти шогирдонро санҷида, тасдиқ мекунад; якҷоя бо донишҷӯён дар дарсҳо иштирок карда, таҳлилу муҳокимаи онҳоро ташкил менамояд.
- Барои ҳар чи самаранок гузаштани дарсҳои таҷрибаомӯзон шароит фароҳам меоварад.
- Тамоми фаъолияти донишҷӯёнро дар давраи таҷрибаомӯзӣ ташкил намуда, иштироки онҳоро зери назорат мегирад, дар дафтари махсус (рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ) ҳамарӯза қайд мекунад ва аз рафти давомоти донишҷӯён ба факулта охири ҳар ҳафта маълумот пешниҳод мекунад.
- Дар таҳияи ҳуҷҷатҳо марбут ба кафедраи методикаи таълим ба

донишҷӯён роҳнамоӣ карда, онҳоро таҳлилу назорат карда, маслиҳату машварат медиҳад ва ёрии методӣ мерасонад.

- Ҳуҷҷатҳои аз тарафи донишҷӯён пешниҳодшударо ҷамъ ва тафтиш менамояд, оид ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот навишта, онро якҷоя бо ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзон ба кафедраи методикаи таълим пешниҳод менамояд.
- Фаъолияти дастҷамъонаи муаллимони мактаб, роҳбарони синфҳо, омӯзгорони кафедраҳои педагогика ва психологияро барои ба таҷрибаомӯзон баҳои ниҳоӣ (ҷамъбастӣ) гузоштан ташкил мекунад.

**Омӯзгори кафедраи педагогика:**

- Дар конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии таҷрибаи омӯзгории назди факулта ва донишгоҳ ва ҷаласаҳое, ки дар мактаб дар ибтидо ва охири таҷрибаомӯзӣ баргузор мегарданд, ширкат меварзад.
- Иштироки донишҷӯёнро дар чорабиниҳои беруназсинфии тарбиявӣ таъмин намуда, онҳоро таҳлил менамояд.
- Якҷоя бо роҳбари синф кори тарбиявии таҷрибаомӯзонро ба нақша мегирад.
- Аз ҷониби донишҷӯён гузаронидани корҳои тарбиявиро бо хонандагон таъмин менамояд: дар таҳия сохтани нақшаи кори тарбиявӣ ва соатҳои тарбиявӣ ёрии методӣ мерасонад, рӯзномаҳои омӯзгории донишҷӯёнро аз назар мегузаронад, дар ташкили соатҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ, ки аз тарафи донишҷӯён гузаронида мешаванд роҳнамоӣ мекунад, дар онҳо ширкат меварзад ва мавриди таҳлил қарор дода, баҳо медиҳад.
- Дар баҳогузории ҷамъбастии таҷрибаомӯзон ширкат меварзад.

**Омӯзгори кафедраи психология:**

- Дар конференсияҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии таҷрибаи омӯзгории назди факулта ва донишгоҳ ва ҷаласаҳое, ки дар мактаб дар ибтидо ва охири таҷрибаомӯзӣ баргузор мегарданд ширкат меварзад.
- Донишҷӯёнро бо нақшаҳои тавсифномаи психологии шахсият ва аҳли талабагони синф шиносо намуда, мусоҳиба мегузаронад.
- Ба донишҷӯён усулу методҳои омӯзиши хусусиятҳои психологии

хонандагони алохида ва ҳайати хонандагони синфро бевосита дар раванди дарсҳо ва берун аз он нишон дода, дар иҷрои супоришҳои психологӣ роҳнамоӣ мекунад ва машварату маслиҳатҳо медиҳад.

- Дар кори ба эътибор гирифтани хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва инфиродии хонандагон ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои номатлуб ва манфии иҷтимоӣ-психологӣ дар синф ба донишҷӯён ёрии амалӣ ва методӣ мерасонад.
- Дар баҳогузории ҷамъбастии таҷрибаомӯзон ширкат меварзад.

**Омӯзгори фаннии мактаб:**

- Донишҷӯёнро бо нақшаҳои кори таълимии худ (нақшаи тақвимӣ, нақша-конспекти дарсҳо, нақшаи корҳои беруназсинфӣ, нақшаи кори кабинети (синфхонаи) фаннӣ шинос мекунад.
- Барои донишҷӯён аз фанни худ дарсҳои кушод ташкил карда, машғулиятҳои беруназсинфӣ мегузаронад.
- Дар омодагии донишҷӯён ба дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ кӯмак мерасонад, конспекту нақшаҳои кории онҳоро аз назар гузаронида, тасдиқ мекунад ва дар муҳокима, таҳлил ва баҳодиҳӣ ба дарсҳои таҷрибаомӯзон иштирок мекунад.
- Таҷрибаомӯзонро ба ташкилу гузаронидани маҳфилҳо, чорабиниҳои берун аз синф, мшғулиятҳои иловагӣ, тайёр кардани воситаҳои аёнӣ ва тафтиши дафтарҳои хонандагон ҷалб менамояд.
- Дар истифодаи кабинети фаннӣ, лабораторияҳо, устохонаҳо, воситаҳои аудиовизуалӣ ва техникӣ ба донишҷӯён дастурҳо медиҳад.
- Дар ҷаласаҳои мактаб оид ба таҷрибаомӯзӣ ва конференсияи ҷамъбастии донишгоҳӣ (аз рӯи имконият) ширкат меварзад.
- Фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро арзёбӣ ва ҷамъбаст намуда, ба роҳбарияти мактаб гузориш медиҳад.

**Вазифаҳои роҳбари синф:**

- Донишҷӯёнро бо ҳайати хонандагони синф, давомоту азхудкунӣ, тартибу интизом ва нақшаи кори тарбиявӣ барои нимсола ва вазифаю чорабиниҳои тарбиявии синф ва мактаб шинос мекунад.
- Дар синфи худ ба ёрии таҷрибаомӯзон чорабиниҳои беруназсинфии кушод ташкил карда, мегузаронад.

- Ба донишҷӯён дар омӯзиши хусусиятҳои фардии хонандагони синф кӯмак мерасонад.
- Дар банақшагирии чорабиниҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназиснфӣ ва таҳияи нақшаи кори тарбиявӣ барои нимсола ба донишҷӯён ёрии методӣ мерасонад.
- Дар соатҳои тарбиявӣ ва дигар чорабиниҳои тарбиявӣ, ки донишҷӯён мегузаронанд, ширкат варзида, дар ҳамкорӣ бо муаллими педагогика онҳоро таҳлилу муҳокима ва арзёбӣ мекунад.
- Дар ҷаласаҳои мактаб оид ба таҷрибаомӯзӣ ва конференсияи ҷамъбастии донишгоҳӣ (аз рӯи имконият) ширкат меварзад.

## ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ТАҶРИБАОМӮЗ[1]

Донишҷӯён ҳуқуқ доранд, ба ҳамаи саволҳое, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ пайдо мешаванд, аз роҳбарони умумии факулта, методистони гурӯҳ, намояндагони кафедраҳои педагогика ва психология, роҳбарият ва омӯзгорони мактаб пурсон шаванд, ақидаҳои худро барои такмил ва ташкили таҷрибаомӯзӣ баён намоянд; дар корҳои ҷамъиятии шогирдон роҳбарӣ намоянд; дар конференсия ва ҷамъомадҳои мактабӣ баромад намуда, аз китобхона ва синфхонаи таҷҳизонидашудаи мактаб истифода баранд; дар кори Шӯрои методӣ, Шӯрои педагогӣ, кори бахшҳо ва семинарҳои омӯзгорони фаннии мактаб ва роҳбарони синфҳо ширкат варзанд.

Донишҷӯён вазифадоранд, ки ҳамаи супоришу вазифаҳое, ки дар барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ пешбинӣ шудаанд, саривақт иҷро намоянд. Онҳо ба пешбурди корҳои таълимию - тарбиявӣ машғул шуда, дар хонандагон ҳисси якдигарфаҳмӣ, шуурнокӣ, ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, тарбияи фикрию эстетикӣ ва одобу ахлоқи ҳамидаро бедор намоянд.

Дар рафти иҷрои корҳои тарбиявӣ донишҷӯ бояд худро ҳамчун мутаххассиси ҷавон, ки дорои идеяҳои боварибахш, хислатҳои баланди ахлоқӣ, меҳрубон будан ба хонандагон ва шавқу рағбати зиёд доштан нисбат ба касби интихобкардааш нишон диҳад. Ӯ бояд дар ташкилотчигӣ,

[1] Бо баъзе тағйироту иловаҳо аз «Низомнома оид ба таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Душанбе, 2009» гирифта шудааст.

меҳнатдӯстӣ ва интизомнокӣ намуна бошад. Дар рафти кор донишҷӯ бояд худро ҳамчун кордони соҳибҳуқуқ нишон дода, тамоми ҳастияшро бо ҳаёти мактаб пайваст намуда тавонад.

Донишҷӯ қонуну қоидаҳои дохилии муассисаи таълимиро риоя намуда, бояд супоришҳои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ва садоратро иҷро кунад, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро риоя кунад, дар иҷрои кору супоришҳои мактаб бояд ҳамчун кормандони тасвибӣ масъулиятро ҳис намояд.

Дар давраи таҷрибаомӯзӣ назди *сардорони гурӯҳҳои академӣ* вазифаҳои нав меистад. Вазифаҳои сардори гурӯҳ дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз инҳо иборат аст: иштироки донишҷӯёнро ба қайд мегирад; донишҷӯёнро аз чорабиниҳои мактаб, конференсияву семинарҳо хабардор мекунад; дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолу ташкилотчӣ буда, аз болои иҷрои супоришҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ки ба донишҷӯён дода шудаанд, назорат мебарад.

## ЧОРАҲОИ МАЪМУРӢ БАРОИ ТАҶРИБАОМӮЗОН

Ҳар як таҷрибаомӯз вазифадор аст, ки аз ҳамон муассисаи таълимӣ, ки тибқи фармони раёсати донишгоҳ дар он таҷрибаи омӯзгорӣ гузаронидааст, ҳуҷҷатҳо пешниҳод намояд. Аз дигар мактаб ё муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат пешниҳод кардан мумкин нест.

Ба шахсоне, ки бо сабабҳои узрнок (вазъи саломатӣ, ҳомиладорӣ, тифли навзод доштанашон ва ғ.) ба таҷрибаомӯзӣ рафта натавонанд, рухсатии академӣ дода мешавад.

Таҷрибаомӯз ба қоидаҳои дохилӣ ва реҷаи кории мактабе, ки дар он таҷрибаомӯзии педагогӣ мегузарад, риоя мекунад. Дар ҳолати ба тартибот ва қоидаҳои ба таҷрибаомӯз пешниҳодшуда риоя накардан, ӯ барои давом додани таҷрибаомӯзӣ иҷозат дода намешавад.

Дар баробари ин, донишҷӯе, ки бесабаб дар таҷрибаомӯзӣ иштирок намекунад ё фаъолияти ӯ дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад, нақшаи нимсола (семестр)-ро иҷронакарда ҳисоб меёбад. Дар чунин маврид, донишҷӯ, пас аз пардохти маблағи иловагӣ дар ҳаҷми 6 кредити таҷрибаомӯзӣ дар асоси пешниҳоди деканати факулта ва фармони донишгоҳ такроран, баъд аз дарсҳои асосӣ дар донишгоҳ ба таҷрибаомӯзӣ

сафарбар карда мешавад. Дар акси ҳол чунин донишҷӯён аз донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

Инчунин донишҷӯёне, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ тартибу интизом, одобу ахлоқи таҷрибаомӯзиро вайрон мекунанд, бесабаб зиёда аз 36 соат ба таҷрибаомӯзӣ намераванд, одоби либоси омӯзгориро риоя намекунанд, аз иҷрои супоришҳои ҳамарӯза сар метобанд, дар мактаб ва музофоти он телефони мобилӣ истифода мебаранд ва ё носу сигор мекашанд бо фармони ректор аз донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

## МЕЪЁРҲОИ СИФАТИИ БАҲОГУЗОРӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, ТАРБИЯВӢ ВА ТАШКИЛИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФИИ ДОНИШҶӮЁНИ ТАҶРИБАОМӮЗ

***Баҳои «аъло» (90-100 хол)*** дар ҳолате гузошта мешавад, ки агар дарс ё машғулиятҳои берунасинфӣ дар сатҳи баланди ғоявӣ-сиёсӣ, илмӣ-амалӣ ва ташкилию - методӣ гузаронида шуда бошанд. Агар дар онҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ самаранок гузошта, ҳаллу фасли нишонраси худро ёбанд.

Таҷрибаомӯз дар ҷараёни дарс ба методҳои анъанавии таълим не, балки дарсро бештар бо методу усулҳои фаъол ва бо истифода аз воситаҳои аёнию техникӣ гузаронад. Методҳои таълимӣ ва усулҳои гуногуни фаъолгардонии хонандагон бо баҳисобгирии сатҳи дониш, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии онҳо самаранок истифода шуда бошанд.

Агар таҷрибаомӯз синфро хуб ва бомаҳоратона идора карда тавонад, тартибу интизом ва одобу ахлоқи мусбату намунавии хонандагонро дар ҷараёни дарс ва машғулиятҳои берунасинфӣ таъмин карда тавонад. Агар дар дарс ҳамаи мақсадҳои амалӣ, маълумотдиҳӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ амалӣ гашта бошанд.

Инчунин, донишҷӯи таҷрибаомӯз донишҳои амиқи тахассусӣ, методикаи таълим ва педагогию психологии назариявӣ нишон диҳад, дар интихоби маводи таълимӣ, дидактикӣ, ташкилу гузаронидан ва таҳлили дарсу машғулиятҳои берунасинфӣ мустақилият, эҷодкорӣ ва навҷӯию навоварӣ нишон дода бошад.

Дар баҳогузорӣ ба фаъолияти тарбиявии донишҷӯи таҷрибаомӯз пеш аз

ҳама шахсияти донишҷӯ, симои ахлоқию маънавӣ ва одобу рафтори ӯ ба назар гирифта мешавад. То кадом дараҷа донишҷӯ худ намунаи ибрати шогирдон аст, бо симои маънавӣ, ахлоқи ҳамида ва одобу рафтори муносиб фарқ мекунад. Танҳо дар чунин ҳолат мо метавонем ба сифату самаранокии аз ҷониби таҷрибаомӯз иҷро намудани чорабиниҳои тарбиявӣ баҳои мусбат диҳем.

Донишҷӯ ҳамаи корҳои тарбиявии ба нақша гирифташударо саривақт ва босифат иҷро карда бошад, дар заминаи назарияҳои педагогию психологӣ маҳорату малакахои ташкили корҳои тарбиявӣ дошта бошад, масъалахои асосии тарбиявиро бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон дуруст муайян ва самаранок амалӣ гардонида бошад. Дар ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ донишҷӯ мустақилият, фаъолияти эҷодӣ ва одоби педагогӣ зоҳир карда бошад.

Дар гузориши баҳо бешак сохт, мазмун ва сифати таҳияи ҳуҷҷатҳо низ ба назар гирифта мешаванд. Хусусан ҳуҷҷатҳои ба баҳои «аъло» пешниҳодшуда, бояд намунавӣ бошанд. Хуҷҷатҳо бояд ба забони адабӣ, босаводона, бе хатоиҳои услубӣ, грамматикӣ ва имлоӣ навишта шуда бошанд. Фикри ҷумлаҳо бояд мантиқан дуруст ва пай дар ҳам ифода ёбанд. Таҷрибаомӯз бояд нисбат ба таҳияи ҳуҷҷатҳо покизакорона ва бомасъул муносибат карда, ҳусни хати зебову хоно дошта бошад ё аз чопи компютерӣ истифода кунад.

***Баҳои «хуб» (75-89 хол)*** дар мавриде гузошта мешавад, ки агар машғулияти таълимӣ ва ё беруназсинфӣ дар сатҳи баланди ғоявӣ- сиёсӣ, илмӣ ва ташкилию методӣ гузаронида шуда бошад. Агар дар онҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ самаранок гузошта ва ҳал шуда бошанд, вале баъзе методҳои таълимӣ ва усулҳои фаъолгардонии хонандагон наон қадар самаранок истифода шуда бошанд. Агар донишҷӯйи таҷрибаомӯз дониши амиқи тахассусӣ ва педагогию психологии назариявӣ дошта бошад, вале дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳо хатоиҳои на он қадар дағал содир карда бошад.

Дар баҳогузорӣ ба фаъолияти тарбиявӣ чунин меъёрҳо ба назар гирифта мешаванд, ки донишҷӯ ҳамаи корҳои тарбиявии дар давраҳои таҷрибаомӯзӣ ба нақща гирифташударо пурра иҷро кардааст, дар асоси назарияҳои педагогию психологӣ маҳорату малакаҳои ташкили корҳои тарбиявиро

дорад, масъалаҳои асосии тарбиявӣ ва усулҳои ҳалли онҳоро ошкор карда метавонад, ташаббускор аст, вале дар ташкилу гузаронидани баъзе намудҳои корҳои тарбиявӣ хатоиҳои на он қадар дағал содир карда бошад.

***Баҳои «қаноатбахш»(50-74)*** дар ҳолате гузошта мешавад, ки агар донишҷӯйи таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ба хатоиҳо роҳ дода бошад, назарияҳои педагогию психологӣ ва методҳои таълимро на он қадар самаранок татбиқ карда бошад, фаъолияти маърифатии хонандагонро суст ташкил дода бошад, бо хонандагон на ҳама вақт робита барқарор карда бошад ва ҳангоми ташкили дарс хатогӣ ва нуқсонҳои фаъолияти худро эҳсос накарда бошад.

Донишҷӯ дар иҷрои супоришҳои тарбиявӣ ташабускор ва мустақил нест, нақшаи пешбинишудаи корҳои тарбиявиро иҷро карда бошад ҳам, вале дониши амиқи назариявии педагогию психологӣ ва малакаи татбиқи онҳоро надорад, мавриди банақшагирӣ ва ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ ба хатоиҳо роҳ медиҳад, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагонро ба ҳисоб гирифта наметавонад, ҳайати талабагони синфро бо мушкилӣ идора мекунад.

***Баҳои «ғайриқаноатбахш» (0-49)*** дар мавриде гузошта мешавад, ки агар дар машғулиятҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ҳал нашуда бошанд, ҳангоми баёни маводи таълимӣ хатоиҳои дағал содир шуда бошад, дар ҷараёни машғулият интизоми хонандагон бад бошад, донишҷӯ синфро идора карда натавонад, дониши сусти тахассусӣ, педагогию психологӣ дошта бошад ва дар ҷараёни таҷрибаомузӣ фаъолияти қаноатбахш нишон надода бошад.

Донишҷӯ нақшаи пешбинишудаи корҳои тарбиявиро иҷро накардааст, донишҳои сатҳии педагогию психологӣ дорад ва онро дар ошкору амалӣ намудани масъалаҳои асосии тарбиявӣ татбиқ карда наметавонад, муносибати дурусти байни хонандагон ва фаъолияти аз нигоҳи педагогӣ бомақсаду самараноки онҳоро ташкил карда наметавонад ва аз ин лиҳоз корҳои тарбиявиаш натиҷабахш нест.

## МЕЪЁРҲОИ МИҚДОРИИ БАҲОГУЗОРӢ

Тибқи низомнома доир ба шакли таҳсилоти кредитӣ «меҳнатталабии ҳамагуна шаклҳои таҷрибаомӯзӣ дар Донишгоҳ бо кредит-соатҳо ифода

меёбад. Натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ба монанди фанҳои таълимӣ тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ баҳогузорӣ шуда, дар мавриди муайян намудани баҳои миёна (GPA)-и донишҷӯ ба ҳисоб гирифта мешавад»[2]. Ҳангоми баҳогузорӣ ба фаъолияти донишҷӯ нисбати ҳар як ҳуҷҷат ифодаи ададӣ аз рӯи 100 хол ҳисоб карда шуда,ҷамъ карда мешаванд ва бо истифодаи услуби миёнаи арифметикӣ баҳои умумии миёнаи ӯ (GPA) бароварда мешавад. Дар ҷадвали зер ин ифодаҳо омадааст:

<table>
<tr><th>т/р</th><th>Холҳо</th><th>Фоиз %</th><th>Баҳо</th><th>Ифодаи аньанавии холҳо</th></tr>
<tr><td>1</td><td>855-900</td><td>95-100</td><td>A</td><td rowspan="2">Аьло</td></tr>
<tr><td>2</td><td>810-854</td><td>90-94</td><td>A -</td></tr>
<tr><td>3</td><td>765-809</td><td>85-89</td><td>B+</td><td rowspan="2">Хуб</td></tr>
<tr><td>4</td><td>720-764</td><td>80-84</td><td>B</td></tr>
<tr><td>5</td><td>675-719</td><td>75-89</td><td>B-</td><td rowspan="6">Қаноатбахш</td></tr>
<tr><td>6</td><td>630-674</td><td>70-74</td><td>C+</td></tr>
<tr><td>7</td><td>585-629</td><td>65-69</td><td>C</td></tr>
<tr><td>8</td><td>540-584</td><td>60-64</td><td>C-</td></tr>
<tr><td>9</td><td>495-539</td><td>55-59</td><td>D+</td></tr>
<tr><td>10</td><td>450-494</td><td>50-54</td><td>D</td></tr>
<tr><td>11</td><td>0-449</td><td>0-49</td><td>F</td><td>Ғайриқаноатбахш</td></tr>
</table>

Дар холгузорӣ ба фаъолияти таҷрибаомӯз бо дарназардошти таҳияи ҳуҷҷатҳо пеш аз ҳама теъдоди умумии ҳуҷҷатҳоро муайян кардем. Ин кор низ нозукиҳои худро дорад, чун ки одатан баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ на кам аз 10-12 номгӯй ҳуҷҷатҳоро ба кафедра пешниҳод менамояд.

**Холгузорӣ**

**ба фаъолияти таҷрибаомӯз бо дарназардошти таҳияи ҳуҷҷатҳо ба тариқи зайл ба роҳ монда мешавад:**

1. Рӯзномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ аз 1 то 20 хол;
2. Хислатнома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ аз 1 то 6 хол;
3. Нақшаи тақвимии таълимӣ аз 1 то 8 хол;

4. Нақша-конспекти машғулияти дарсӣ бо маводи дидактикӣ аз рӯйи ихтисос аз 1 то 10 хол;
5. Тавсифномаи психологӣ (барои як хонанда ё аҳли синф) аз 1 то 8 хол;
6. Нақша-конспекти машғулияти беруназдарсӣ аз фанни таълимӣаз 1 то 8 хол;
7. Шарҳи хаттии супориши эҷодӣ аз фанни педагогика аз 1 то 10 хол;
8. Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ аз 1 то 10 хол.

*Дар маҷмӯъ 80 холи максималӣ.*

Ба ҳамин 8 номгӯй ҳуҷҷатҳо дар маҷмӯъ 80 хол дар назар дошта шудааст. Боқимонда аз 1 то 20 холи ҳавасмандиро методисти фан дар асоси муносибат ва фаъолиятмандии таҷрибаомӯз, инчунин бо назардошти фикру мулоҳизаҳои садорату омӯзгорони мактаб ва масъулони кафедраҳои педагогика ва психология метавонад гузорад.